## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия»), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод шудааст**

Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ ба таҳлилу таҳқиқи вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бахшида шудааст. Аҳаммияти ин кори диссер- татсионӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки вижагиҳои маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ бар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия» бори аввал дар қолаби диссертатсия таҳқиқ гардида, дар он вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ, ки миқдорашон нисбатан кам аст, аз нигоҳи маъно ва сохтор мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Кошифӣ аз қабили адибони ба камол расидаву анъанапардоз ва навовари адабиёти тоҷики ибтидои қарни XVI маҳсуб ёфта, шириниву суфтагӣ ва равшанбаёнии осори нотакрори ӯ, пеш аз ҳама, дар корбасти забони шевою гуворои ӯст. Шинохт ва таъйиду таъйини арзишу аҳам- мияти истифодаи вомвожаҳо дар асар аз ҷумлаи масоили мубрами ин кори таҳқиқӣ мебошад. Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои мазкур кори муҳим ва судманд дониста мешавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки то кунун дар забоншиносии тоҷик доир ба вижагиҳои луғавию сарфии вомвожаҳои арабию ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ рисолаи илмии алоҳида таҳқиқ ва таълиф нагардида, аз ин рӯ, дар доираи диссертатсия бори нахуст вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии Ҳусайн Воизи

Кошифӣ ба таври нисбатан мукаммал ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳқиқи илмӣ шуда, вижагиҳои луғавӣ, сарфии онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифта, мақому ҷойгоҳи вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ аз нигоҳи сохтор, маъно ва қолибҳо таҳлил гардидаанд. Ҳамчунин, дар диссертатсия роҳу равиши шаклгирии вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабии осори насрии нависанда Ҳусайн Воизи Кошифӣ ба таври мукаммал таҳлилу таҳқиқ гардидаанд.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии муҳаққиқро дар баррасии масъалаҳои назарӣ ва таърихии алоқаманд ба ҳунари нависандагии Кошифӣ, дар корбасти вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ метавон истифода кард. Осори насрии Кошифӣ, ки дар онҳо вомвожаҳои арабӣ истифода гардидаанд, ҷиҳати муқаррар кардани вазъи забони адабии аҳди муаллифи асар мусоидат карда, аз сарчашмаҳои муҳимми адабӣ ва таърихӣ маҳсуб мешаванд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқ на танҳо дар шинохти корбурди вомвожаҳои арабӣ ва ғайриарабӣ дар осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ, балки баррасии масоили марбут ба таърихи забони адабии давр низ муфид хоҳад буд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд буда, автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақола- ҳои илмии

интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Зоирзода Холмурод Сафаралӣ кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестат- сионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Зоирзода Холмурод Сафаралӣ дар мавзуи «Баррасии маъноӣ ва сохтории вомвожаҳои арабии осори насрии Ҳусайн Воизи Кошифӣ» (дар асоси маводи «Футувватномаи султонӣ», «Ахлоқи муҳсинӣ» ва «Рисолаи ҳотамия») барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.02.01.–Забони тоҷикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, Раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– **Усмонова Мунаввара Холиқовна** – номзади илмҳои филологӣ,

дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллои Рӯдакӣ** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Назарзода С.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АМИТ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Султон Ҳ. Б.

доктори илмҳои филологӣ,
профессор,
узви шурои диссертатсионӣ Гадоев Н.

«24» -уми январи соли 2025.